# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Зуҳурзода Шаҳло Давлатмурод дар мавзуи: «Танзими ҳуқуқӣ-конститутсионии фаъолияти сулҳофаронаи Пешвои Миллат Эмомалӣ Раҳмон», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисосӣ 5.5.2. Ҳуқуқи конститутсионӣ; ҳуқуқи мурофиаи судии конститутсионӣ; танзими ҳуқуқии ҳокимияти маҳаллӣ (ш. Душанбе, 2026. – 39 саҳ.)**

Аз таҳлили мазмуни автореферат бармеояд, ки мавзӯи интихобшуда ба яке аз масъалаҳои муҳими илми ҳуқуқи конститутсионии миллӣ дахл дорад, зеро он ба арзёбии ҳуқуқӣ ва институтсионалии раванди сулҳофаронӣ ва нақши он дар ташаккули давлатдории муосири Тоҷикистон раво̀на гардидааст. Мубрамияти мавзуъ, пеш аз ҳама, бо он асоснок мегардад, ки таҷрибаи барқарорсозии сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон на танҳо як марҳилаи таърихӣ, балки пояи ташаккули сохти нави конститутсионӣ ва давлати ҳуқуқбунёд мебошад,

Таҳлили матни автореферат нишон медиҳад, ки муаллиф фаъолияти сулҳофаронаи Пешвои Миллат Эмомалӣ Раҳмонро дар доираи танзими ҳуқуқӣ-конститутсионӣ таҳлил намуда, онро ҳамчун падидаи дорои мазмуни мустақили ҳуқуқӣ баррасӣ кардааст. Ин нуқтаи назар аҳаммияти мавзуъро тақвият мебахшад, зеро сулҳ ва субот дар Ҷумҳурии Тоҷикистон на танҳо натиҷаи раванди сиёсӣ, балки асоси мустаҳками рушди низоми конститутсионӣ ва институтионии давлат мебошад.

Мубрамияти мавзуъ, ҳамчунин дар он зоҳир мегардад, ки дар шароити ташаккули давлати соҳибистиқлол ва гузариш ба марҳилаи рушди устувор, масъалаи таҳлили заминаҳои ҳуқуқии сулҳу ваҳдат аҳаммияти стратегӣ пайдо мекунад. Муаллиф нишон медиҳад, ки фаъолияти сулҳофарона бо барқарорсозии сохти конститутсионӣ, таҳкими соҳибихтиёрӣ, ташаккули институтҳои демократӣ ва татбиқи принсипи таҷзияи ҳокимият иртиботи зич дорад.

Аз ин рӯ, таҳқиқи ин раванд аз нигоҳи ҳуқуқи конститутсионӣ имконият медиҳад, ки заминаҳои ҳуқуқии суботи давлатӣ ва рушди минбаъдаи ҷомеа муайян карда шаванд.

Илова бар ин, дар автореферат масъалаи ҳифз ва ҳимояи мақоми Пешвои Миллат ҳамчун институти ҳуқуқӣ-конститутсионӣ баррасӣ шудааст, ки ин ҷанба низ мубрамияти мавзуъро нишон медиҳад. Дар шароите, ки низоми ҳуқуқӣ ва конститутсионӣ бояд устувор ва ҳамоҳанг бошад, муайян намудани ҷойгоҳи институтҳои калидӣ дар доираи Конститутсия аҳаммияти муҳим дорад.

Мазмуни автореферат, инчунин нишон медиҳад, ки муаллиф фаъолияти сулҳофаронаро дар сатҳи байналмилалӣ низ баррасӣ намуда, робитаи онро бо сиёсати хориҷӣ ва ташаббусҳои глобалӣ таҳлил кардааст. Ин ҷанба мавзуъро боз ҳам мубрам мегардонад, зеро дар шароити ҷаҳонишавӣ ва афзоиши таҳдидҳои амниятӣ, масъалаи ҳифзи сохти конститутсионӣ ва таҳкими суботи миллӣ аҳаммияти байналмилалӣ низ дорад.

Аз нуқтаи назари илмӣ, масъалаи танзими ҳуқуқӣ-конститутсионии фаъолияти сулҳофарона дар илми ҳуқуқи конститутсионии миллӣ то ҳол ба таври комплексӣ ва мустақилона баррасӣ нашудааст. Аз ин лиҳоз, таҳқиқи мазкур ба пур намудани холигии назариявӣ, рушди дастгоҳи мафҳумӣ ва такмили заминаҳои илмии ин соҳа мусоидат менамояд.

Бо дарназардошти мазмуни автореферат, метавон хулоса кард, ки мавзуи интихобшуда дорои аҳаммияти назариявӣ, амалӣ ва иҷтимоӣ буда, бо раванди таҳкими давлатдории миллӣ, рушди ҳуқуқи конститутсионӣ ва таъмини устувории сохти конститутсионӣ иртиботи мустақим дорад.

Бо вуҷуди сатҳи баланди илмии кор, дар автореферат баъзе масъалаҳои баҳснок мавҷуданд, аз ҷумла, пешниҳодҳои амалӣ, ки ба такмили қонунгузорӣ ва таҳкими заминаҳои ҳуқуқӣ-конститутсионии фаъолияти сулҳофаронаи Пешвои Миллат Эмомалӣ Раҳмон равона шудаанд, метавонанд бо асоснокии муфассалтари механизми татбиқи онҳо боз ҳам мушаххастар гарданд.

Бо вуҷуди мулоҳизаҳои баёншуда, зарур аст таъкид гардад, ки муаллиф дар доираи мавзуи «Танзими ҳуқуқӣ-конститутсионии фаъолияти сулҳофаронаи Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон» таҳқиқоти ҳамаҷониба, низомнок ва аз лиҳози илмӣ асоснок анҷом додааст. Диссертатсия бо хусусияти эҷодкорона ва бо такя ба таҳлили муфассали манбаъҳои назариявӣ ва санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ таҳия гардида, масъалаҳои калидии марбут ба моҳият ва табиати ҳуқуқии фаъолияти сулҳофарона, пояҳои конститутсионии он, инчунин механизмҳои танзим ва ҳифзи ин падида ба таври низомнок баррасӣ шудаанд.

Муаллиф тавонистааст робитаи фаъолияти сулҳофаронаро бо принсипҳои асосии сохти конститутсионӣ, аз ҷумла волоияти Конститутсия, соҳибихтиёрии давлатӣ ва устувории низоми давлатдорӣ нишон дода, онро ҳамчун падидаи дорои заминаи устувори ҳуқуқӣ арзёбӣ намояд. Дар маҷмӯъ, кори анҷомдода сатҳи баланди таҳлил ва мустақилияти илмии муаллифро тасдиқ менамояд.

Бо дарназардошти гуфтаҳои боло, таҳқиқоти диссертатсионии Зуҳурзода Шаҳло Давлатмурод дар мавзуи: «Танзими ҳуқуқӣ-конститутсионии фаъолияти сулҳофаронаи Пешвои Миллат Эмомалӣ Раҳмон», ба бандҳои 31, 33, 34, 35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти № 267 (бо тағйиру иловаҳо аз 26 июли соли 2023, №295) тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.2. Ҳуқуқи конститутсионӣ; ҳуқуқи мурофиаи судии конститутсионӣ; танзими ҳуқуқии ҳокимияти маҳаллӣ мебошад.

**Тақриздиҳанда:** дотсенти кафедраи ҳуқуқи
конститутсионии факултети ҳуқуқшиносии
ДДҲБСТ номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент **Абдуллоева Д.Ф.**

Имзои Д.Ф. Абдуллоеваро тасдиқ мекунам:
Сардори РК ва КМ ДДҲБСТ
**“10» 03 с. 2026** **Бобоев А.Х.**

**Сурога:** 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
вилояти Суғд, шаҳри Хуҷанд, маҳаллаи 17, бинои 1.
Телефон: +992 (3422) 2-38-11
Факс: +992 (3422) 2-38-11
Сомона: http://tsulbp.tj